ПРОТОКОЛИ № 20
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-113-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 17 ноябри соли 2026 **ш. Душанбе**

Раиси шуро: доктори илмҳои педагогӣ, профессор Мухаметов Г.Б.
Котиби илмӣ: номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Абдуллоева Т.М.

Раис: Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабр соли 2025 №495/шд. ба ҳайати шуро ворид шудааст, 13 нафар иштирок дорад, аз инҳо 5 нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси диссертатсия мебошад. Оид ба оғоз намудани кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ гуна пешниҳодҳо ҳастанд?

Пешниҳод шуд, ки кори Шуро оғоз карда шавад. Тарафдор. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Пешниҳод якдилона қабул карда шуд.

РӮЗНОМА:

Ҳимояи диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ.

Диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

Мушовари илмӣ: Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

1. **Иматзода Лутфия Маҳмадулло** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ;

2. **Абдураҳимзода Қудратулло Саид** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»;

3. **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Раис: Касе ки ҷонибдори тасдиқи рӯзномаи ҷаласа аст, хоҳиш мекунам, овоз диҳад. Зид – нест. Бетараф – нест. Бо тарафдории ҳама қабул шуд. Ҳоло сухан барои пешниҳоди маълумотномаи мухтасар дар бораи довталаб ба котиби илмии шуро, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Абдуллоева Тутиниссо Менгулоевна дода мешавад.

Раис: Ба котиби илмӣ оид ба ҳуҷҷатҳо ва маълумоти мухтасар дар бораи довталаб савол ҳаст? Савол нест. Сухан ба довталаб Солеҳзода Шоира Солеҳ барои муаррифии кори диссертатсионӣ дода мешавад. Марҳамат.

Солеҳзода Ш.С.: баромад мекунад.

Раис: Ташаккур. Марҳамат, кӣ ба довталаб савол дорад? Марҳамат, профессорон Ҳомидзода Д.Р., Шербоев С., Юлдошев У., Гулмадов Ф., Солеҳов М., Мухамметов Г.

Солеҳзода Ш.С.: Ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

Раис: Сухан ба роҳбари илмӣ – Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода мешавад.

Негматов С.Э.: баромад мекунад.

Раис: Сухан ба котиби илмии шурои диссератсионӣ барои қироати тақризи муассисаи тақриздиҳанда ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда дода мешавад.

Абддуллоева Т.М.: баромад мекунад.

Раис: Барои ҷавоб додан ба эродҳои муассисаи пешбар ва тақризҳои автореферат сухан ба довталаб дода мешавад.

Солеҳзода Ш.С.: баромад мекунад.

Раис: Ба муҳокимаи кори диссертатсионии Солеҳзода Ш.С. шуруъ мекунем. Бо иҷозати шумо суханро ба муқарризи расмӣ Иматзода Лутфия Маҳмадулло – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ дода мешавад.

Иматзода Л.М.: баромад мекунад.

Раис: Ташаккур. Барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи якуми расмӣ сухан ба довталаб дода мешавад.

Солеҳзода Ш.С.: баромад мекунад.

Раис: Бо сабаби вафоти муқарризи расмӣ – Абдураҳимзода Қудратулло Саид – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» тақризи мавсуфро котиби илмии шурои диссертатсионӣ қироат менамояд.

Раис: Ташаккур. Барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмии дуюм сухан ба довталаб дода мешавад.

Солеҳзода Ш.С.: баромад мекунад.

Раис: Иҷозат диҳед, сухан ба муқарризи расмӣ Қосимов Олимҷон Ҳабибович – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дода мешавад.

Раис: Ташаккур. Барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмии сеюм сухан ба довталаб дода мешавад.

Солеҳзода Ш.С.: баромад мекунад.

Раис: Бо ҳамин муҳокимаи диссертатсия ба анҷом мерасад. Ба сифати муқарризи ғайрирасмӣ кӣ мехоҳад баромад намояд?

Баромад карданд: Шербоев С., Солеҳов М. ва Гулмадов Ф.

Солеҳзода Ш.С.: баромад мекунад.

Раис: Ташаккур. Акнун ҷиҳати гузаронидани расмиёти овоздиҳии пинҳонӣ айъавти комиссияи ҳисоб интихоб шавад. Пешниҳод шуд, ки ба ҳайати комиссияи ҳисоб Ҳомидзода Д.Р., Гулмадов Ф. ва Бозоров Х. интихоб карда шаванд. Кӣ тарафдор? Бо як овоз қабул гардид. (Овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

Раис: Барои эълони натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ сухан ба раиси комиссияи ҳисоб, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Ҳомидзода Д.Р. дода мешавад.

Ҳомидзода Д.Р.: баромад мекунад.

Раис: Ба раиси комиссияи ҳисоб оид ба расмиёти овоздиҳии пинҳонӣ савол ҳаст? Савол нест. Хоҳишмандам онҳое, ки тарафдори тасдиқ кардани натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ҳастанд, овоз диҳанд. Бо як овоз қабул гардид.

Ба қабули хулосаи шурои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ мегузарем. Муҳтарам аъзои шуро, дар дасти шумо нусхаи лоиҳаи Хулосаи шурои диссертатсионӣ мавҷуд аст. Марҳамат, чӣ пешниҳоду эрод доред?

Раис: Аъзои шуро боз чӣ гуна пешниҳодҳо доранд? Пешниҳод шуд, ки Хулосаи шурои диссертатсионӣ бо назардошти пешниҳоду эроди аъзои шуро қабул карда шавад. Хоҳиш мекунам овоз диҳед.

Иҷозат фармоед Қарори шурои диссертатсиониро оид ба ҳимояи диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ қироат намоям.

ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-113 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 17.11. 2026 **ш. Душанбе**

Суханронии Солеҳзода Шоира Солеҳро дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. – Назария ва

методикаи таълими забони тоҷикӣ (мушовири илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич), тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иматзода Лутфия, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Абдураҳимзода Қудратулло ва доктори илмҳои филологӣ, профессор Қосимов Олимҷон Ҳабибович, баромади муқарризони ғайрирасмӣ, профессорон Шербоев С., Солеҳов М., Гулмадов Ф.-ро шунида ва муҳокима намуда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Солеҳзода Шоира Солеҳ,

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Маводди илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;

3. Ба Солеҳзода Шоира Солеҳ дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ дода шавад.

4. Барои додани дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ ба Солеҳзода Шоира Солеҳ аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Мухаметов Г.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Абдуллоева Т.М.